«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
________________ Сатторзода Б.А.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуъ бо зарурати такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок мегардад. Ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо ҳамчун шакли иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар низоми ҳуқуқи маданӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, дар ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳимояи манфиатҳои умумии аъзоён, рушди рақобатпазирӣ ва густариши муносибатҳои иқтисоди миллӣ нақши назаррас мебозанд.

Дар шароити муосир, ки шумораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ рӯ ба афзоиш аст, масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқӣ, доираи қобилияти ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, идоракунӣ ва ҷавобгарии чунин иттиҳодияҳо аҳамияти хос пайдо менамояд. Бо вуҷуди он ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои алоҳидаро оид ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар бар мегирад (моддаҳои 129–131), таҳлили қонунгузории амалкунанда ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон

медиҳад, ки низоми танзими онҳо пароканда, номукаммал ва дорои норасоиҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқ ҳамчунин аз он бармеояд, ки дар қонунгузории мадани назари ягона ва мукаммал нисбат ба муайян намудани шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), таркиби аъзои онҳо (тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ё омехта), инчунин имконияти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби чунин иттиҳодияҳо то ҳол пурра ташаккул наёфтааст.

Номуайянӣ дар ин масъалаҳо метавонад боиси мушкилот дар муайян намудани ҷавобгарӣ, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва муносибатҳои корпоративӣ гардад.

Илова бар ин, қабули «Консепсияи рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» зарурати бознигарӣ ва такмили низоми танзими ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро таъкид менамояд. Дар чунин шароит таҳқиқи комплексии масъалаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти ин ниҳоди ҳуқуқӣ, коркарди мафҳумҳои дақиқи ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳои асоснок оид ба такмили қонунгузорӣ ниҳоят саривақтӣ ва зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дорои мубрамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба эҳтиёҷоти воқеии рушди қонунгузории маданӣ, такмили танзими муносибатҳои корпоративӣ ва таъмини устувории муҳити ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниход, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» баёнгардида, баланд арзёбӣ мегардад.

Муаллиф таҳқиқоти худро бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуктатбиқкунӣ ва мавқеъҳои илмии муҳаккиқони ватанӣ ва хориҷӣ анҷом додааст.

Ин тарз имкон додааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба таври муназзам ва мантиқӣ баррасӣ шаванд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-

ҳуқуқӣ ва мантиқии расмӣ истифода бурдааст, ки ин ба амиқӣ ва объективияти таҳқиқ мусоидат намудааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда на танҳо ба таҳлили назариявӣ, балки ба омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ такя мекунанд.

Асоснокии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф мушкилоти мавҷудаи қонунгузорӣ вобаста ба мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), доираи аъзогӣ, имконияти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва масъулияти молумулкии иштирокчиёнро муайян намуда, барои бартараф намудани онҳо пешниҳодҳои мушаххас ва бо далелҳои илмӣ таҳия намудааст.

Пешниҳодҳо дорои хусусияти мантиқӣ, пайдарҳамӣ ва мутобиқ ба сохтори қонунгузории миллӣ мебошанд.

Ҳамзамон, таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи мусбати давлатҳои дигар барои такмили қонунгузории миллӣ ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф асоснокии иловагӣ мебахшад. Муаллиф бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки ягонакунии танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ва ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани номуайяниҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Хулосаҳои умумии диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат дошта, дар асоси таҳлили мантиқӣ ва муназзами маводи назариявӣ ва эмпирикӣ таҳия гардидаанд. Пешниҳодҳои илмии муаллиф дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, татбиқи онҳо метавонад ба такмили қонунгузории мадани, рушди муносибатҳои корпоративӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда дар сатҳи баланди илмӣ қарор дошта, ба талаботи корҳои диссертатсионии номзадӣ пурра ҷавобгу мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқи мадани масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал, системавӣ ва комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

То имрӯз ин масъалаҳо асосан дар доираи таҳқиқоти умумӣ оид ба шахсони ҳуқуқӣ ё ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баррасӣ мегардиданд ва ҳамчун объекти мустақили таҳқиқи диссертатсионӣ ба таври фарогир таҳлил нашуда буданд.

Навоварии илмӣ, пеш аз ҳама, дар таҳияи мафҳуми мукаммали ҳуқуқии ассотсиатсия ва иттифоқ, дақиқсозии ҷойгоҳ ва мақоми онҳо дар низоми

шахсони ҳуқуқии мадани̅, инчунин асоснок намудани зарурати ягонакунии танзими қонунгузори̅ дар ин самт ифода меёбад.

Муаллиф бо далелҳои назарияви̅ ва таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки истифодаи истилоҳҳои «ассотсиатсия» ва «иттифоқ» дар қонунгузори̅ дорои номуайяниҳои меъёри̅ буда, пешниҳод менамояд, ки онҳо бо таърифҳои мушаххас ва возеҳ пурра гарданд.

Навгонии илмии таҳқиқ ҳамчунин дар асоснок намудани имконияти муттаҳид гардидани ташкилотҳои тиҷорати̅ ва ғайритиҷорати̅ дар як ассотсиатсия (иттифоқ), муайян намудани меъёрҳои аъзоги̅, масъулияти молумулкии иштирокчиён, инчунин пешниҳод оид ба эътирофи санадҳои корпоративи̅ ҳамчун сарчашмаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дохили̅ таҷассум ёфтааст.

Ин пешниҳодҳо дорои хусусияти назарияви̅ ва ҳамзамон ислоҳотии қонунгузори̅ мебошанд.

Дар доираи таҳқиқ масъалаҳои марбут ба мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷорати̅, муносибати онҳо ба фаъолияти соҳибкори̅ ва зарурати ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷи̅ асоснок гардидаанд.

Ин тарзи таҳқиқ навоварии методологи̅ ва мазмунии таҳқиқро нишон медиҳад.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои гирифташуда бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи илми̅, аз ҷумла таҳлили системави̅, муқоисави̅-ҳуқуқи̅, таърихи̅-ҳуқуқи̅ ва мантиқии расми̅ таъмин гардидааст.

Хулосаҳо бар пояи таҳлили қонунгузории амалкунанда, санадҳои барномави̅ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ асос ёфтаанд, ки ин ба дурусти̅ ва асоснокии илмии онҳо шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои умумии диссертатсия таҷассум ёфта, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат доранд. Онҳо дорои пайдарҳамии мантиқи̅, асоснокии илми̅ ва аҳаммияти амали̅ мебошанд ва метавонанд ҳамчун заминаи такмили қонунгузории мадани̅ ва рушди назарияи ҳуқуқи корпоративи̅ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Ҳамин тариқ, навгонии илми̅ ва саҳеҳияти натиҷаҳои бадастомада диссертатсияро ҳамчун таҳқиқоти мустақили дорои арзиши назарияви̅ ва амали̅ муаррифи̅ менамоянд.

**Аҳаммияти илми̅, амали̅, иқтисоди̅ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дорои аҳамияти

назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ ва такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Аҳамияти илмӣ натиҷаҳои таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия заминаи назариявии танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар доираи ҳуқуқи маданӣ такмил ва густариш дода шудааст. Муаллиф мафҳум, аломатҳо ва ҷойгоҳи ассотсиатсияҳоро дар низоми шахсони ҳуқуқӣ дақиқ намуда, муносибатҳои корпоративиро ҳамчун самти мустақили танзими ҳуқуқӣ асоснок кардааст.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун пояи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи корпоративӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалӣ натиҷаҳои таҳқиқ дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дақиқсозии мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), муайян намудани доираи аъзогӣ ва масъулияти молумулкии иштирокчиён метавонанд барои мақомоти қонунгузор, судҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ манфиатовар бошанд.

Ҳамзамон, маводи таҳқиқ метавонад дар раванди таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «Ҳуқуқи корпоративӣ» истифода гардад.

Аҳамияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба таҳкими ҳамкории байни субъектҳои соҳибкорӣ, рушди рақобати солим, муттаҳидсозии захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Муайян намудани меъёрҳои возеҳ ва устувори ҳуқуқӣ барои фаъолияти чунин иттиҳодияҳо ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ замина фароҳам меорад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ натиҷаҳои таҳқиқ дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини мувозинати манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ инъикос меёбад. Ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун шакли муттаҳидшавии ихтиёрии субъектҳо дар ҳимояи манфиатҳои касбӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии аъзои худ нақши муҳим доранд.

Такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо метавонад ба баланд бардоштани сатҳи эътимод ба институтҳои ҳуқуқӣ, шаффофияти идоракунӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти фарогир ва бисёрҷанба буда, метавонанд дар рушди назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Амирзода Фарнуш Амир бо истифодаи методологияи мукаммал ва манбаъҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва илмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои диалектикӣ, таҳлили системавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқии расмӣ истифода намуда, масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро ба таври пайдарҳам ва ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои зерқонунӣ, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳлили мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Истифодаи чунин манбаъҳои гуногунҷанба ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф устуворӣ ва асоснокии назариявӣ мебахшад.

Дурустии натиҷаҳои таҳқиқ дар пайдарҳамии мантиқии баррасии масъалаҳо, мутобиқати хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ва асоснок гардидани ҳар як пешниҳоди илмӣ зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳияи хулосаҳо аз таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ низ истифода бурда, пешниҳодҳои худро дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқ ба шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст.

Асоснокии натиҷаҳо бо таҳлили мушаххаси холигиҳо ва норасоиҳои қонунгузории амалкунанда, инчунин бо пешниҳоди роҳҳои воқеӣ ва амалишавандаи такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф дорои хусусияти амалӣ буда, аз ҷиҳати техникӣ-ҳуқуқӣ мутобиқ ба сохтори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ дорои дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ буда, ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ пурра ҷавобгу мебошанд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ – Амирзода Фарнуш Амир дар таҳқиқи диссертатсионӣ бо сатҳи баланди мустақилияти илмӣ, навоварии назариявӣ ва асоснокии таҳлили ҳуқуқӣ пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи муқаррароти

илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб, пеш аз ҳама, дар таҳияи мафҳуми илмии ассотсиатсия (иттифоқ), дақиқсозии ҷойгоҳ ва мақоми ҳуқуқии онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқии маданӣ, таҳлили комплексии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти онҳо, инчунин дар коркарди пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Муаллиф мустақилона таҳлили муқоисавии қонунгузории миллӣ ва хориҷиро анҷом дода, дар асоси он хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, масъалаҳои вобаста ба тартиби таъсис, аъзогӣ, масъулияти молумулкии иштирокчиён ва имконияти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аз ҷониби довталаб мустақилона таҳлил ва умумисозӣ гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф, инчунин дар ҷамъоварӣ, низомнокӣ ва таҳлили маводи назариявӣ ва амалии вобаста ба фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), коркарди пешниҳодҳои ислоҳотии дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин дар интишори натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои илмӣ таҷассум ёфтааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсия натиҷаи кори мустақилона ва эҷодкоронаи довталаб буда, саҳми шахсии у дар таҳқиқ ба таври возеҳ инъикос ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Амирзода Фарнуш Амир дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ инъикос гардидаанд. Тибқи маълумоти автореферат, аз рӯйи мавзуи диссертатсия 17 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Дар ин мақолаҳо паҳлуҳои муҳими назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), масъалаҳои мақоми ҳуқуқӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, масъулияти молумулкии иштирокчиён, инчунин такмили қонунгузории маданӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Маводи интишоршуда мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои довталабро пешакӣ ба муҳокимаи ҷомеаи илмӣ пешниҳод кардааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зарурӣ апробатсия гардида, интишори онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшаванда сатҳи баланди омодагӣ ва эътимоднокии кори диссертатсиониро тасдиқ менамояд.Теъдод ва сатҳи маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз ҷиҳати мазмун, фарогирии масъалаҳо ва сатҳи таҳлили илмӣ дар дараҷаи зарурии кори илмии тахассусӣ таҳия гардидааст.

Мазмуни диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои эълонгардидаи таҳқиқ мутобиқат дошта, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолият, масъулияти молумулкии иштирокчиён ва такмили қонунгузории марбут ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро ба таври муназзам ва пайдарҳам баррасӣ менамояд.

Муаллиф бо такя ба таҳлили қонунгузории амалкунанда, мавқеъҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ва санадҳои барномавии давлатӣ хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод кардааст.

Дар раванди таҳқиқ масъалаҳои баҳсталаби танзими ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), аз ҷумла номуайянии мафҳумҳо, гуногунрангии шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, доираи аъзогӣ ва масъулияти молумулкии иштирокчиён, бо таҳлили амиқ ва далелҳои назариявию амалӣ баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти мантиқӣ ва пайдарҳам буда, аз таҳлили низомнок ва системавии масъалаҳо бармеоянд.

Диссертатсия дорои сохтори мукаммал буда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Бобҳо бо пайдарҳамии мантиқӣ ҷойгир шуда, масъалаҳои назариявӣ дар боби аввал, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар боби дуюм ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва масъалаҳои амалии фаъолият дар боби сеюм баррасӣ гардидаанд. Ин сохтор имконият медиҳад, ки мавзуъ ба таври комплексӣ ва фарогир таҳлил гардад.

Дараҷаи ба итмом расидани таҳқиқ баланд арзёбӣ мешавад. Муаллиф масъалаҳои гузоштташударо пурра таҳқиқ намуда, натиҷаҳои таҳқиқро дар хулосаҳо ҷамъбаст намуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории маданӣ ироа намудааст.

Мазмун ва сатҳи таҳлил нишон медиҳанд, ки диссертатсия ҳамчун кори мустақили илмӣ ба анҷом расида, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мазмуни диссертатсия ба талаботи корҳои диссертатсионии сатҳи номзадӣ мутобиқ буда, дараҷаи ба итмом расидани он пурра ва қонеъкунанда арзёбӣ мегардад.

**Сохтори рисолаи илмӣ.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

**Боби якум «Таъмини ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)»** ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, намудҳо, тартиби таъсис ва заминаҳои қонунгузории фаъолияти чунин иттиҳодияҳо ба таври мукаммал ва низомнок мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки баҳри амалӣ намудани ҳуқуқ ба иттиҳодшавӣ дар Тоҷикистон қонунгузории зарурӣ аллакай амал намуда истодааст, ки тибқи он шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ метавонанд иттиҳодҳоро таъсис диҳанд ва дар иттиҳодҳои аллакай мавҷудбуда иштирок намоянд (саҳ.19).

Дар ҳамин замина, зарурати таъмини ҳуқуқии мукаммал ва возеҳи фаъолияти онҳо ҳамчун шарти рушди устувори иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асоснок мегардад.

Дар доираи боб, пеш аз ҳама, мафҳуми ҳуқуқии ассотсиатсия ва иттифоқ, ҷойгоҳи онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқии маданӣ, инчунин фарқияти онҳо аз дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳо таҳлил шудааст. Муаллиф бо таҳлили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди мавҷудияти моддаҳои алоҳида оид ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), байни қонунгузории маданӣ ва дигар қонунҳо оид ба ин масъала, ихтилофот ҷой дорад (саҳ.27).

Ҳамзамон, масъалаҳои тартиби таъсис, таҳияи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, мақоми ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзоён ва сохтори идоракунӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки

шартномаи таъсис ва оиннома ҳамчун санадҳои асосии танзими дохилии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) нақши калидӣ мебозанд ва дақиқсозии мазмуни онҳо барои таъмини шаффофият ва устувории ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Боби мазкур бо таҳлили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), аз ҷумла нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои зерқонунӣ, фарогир буда, заминаи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти минбаъдаро таъмин менамояд.

Дар маҷмуъ, боби якум бо таҳлили мукаммал ва пайдарҳами масъалаҳои таъмини ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) фарқ намуда, асоси методологӣ ва назариявии тамоми диссертатсияро ташкил медиҳад.

**Боби дуюм «Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳлили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳамчун иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки мақоми ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии чунин иттиҳодияҳоро танзим менамоянд, ба таври системавӣ ва таҳлилӣ баррасӣ мекунад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки пояи асосии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои соҳавӣ ташкил медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, қонунгузории амалкунанда дорои хусусияти пароканда буда, муқаррароти марбут ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар санадҳои гуногун ҷой гирифтаанд, ки ин боиси мушкилот дар татбиқи якхелаи меъёрҳо мегардад.

Дар доираи боб нақши Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади асосии танзимкунандаи мақоми ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) тибқи принсипҳои қонунгузории маданӣ, бояд амалӣ карда шавад. Яъне ассотсиатсияҳо ухдадоранд дар асоси қонунҳо ва оиннома амал кунанд, манфиатҳои аъзои худро ҳифз, идоракунӣ ва ҳисоботи молиявии шаффофро ба роҳ монанд (саҳ.85).

Муаллиф зарурати таҳияи равиши ягона ва мукаммали қонунгузорӣ дар ин самтро асоснок менамояд.

Ҳамзамон, дар боб санадҳои зерқонунӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ ҳамчун унсурҳои муҳими низоми танзими ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки ягонакунии меъёрҳо ва бартараф намудани зиддиятҳои мавҷуда метавонад ба баланд бардоштани устувории ҳуқуқӣ ва пешгуии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) мусоидат намояд.

Қисмати муҳими боб ба масъалаи эътирофи санадҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими дохилии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) бахшида шудааст. Муаллиф ба таври асоснок иброз медорад, ки «гарчанде меъёрҳои корпоративӣ ҳамчун сарчашмаи танзими фаъолияти иттиҳодияҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иқтидори назарраси танзимкунанда доранд, аммо заминаи назариявӣ ва методологии онҳо дар илми ҳуқуқ рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Вазифаи ягонагии истилоҳот дар ин соҳа махсусан муҳим буда, бояд инҳоро дар бар гирад: тафовути возеҳ байни мафҳумҳои «санади корпоративӣ» ва «санади меъёрии локалӣ»; таърифи санади корпоративӣ, рӯйхати пурраи онҳо ва аломатҳои фарққунадаи он аз дигар санадҳои дохилӣ муайян намудан дар қонун зарур мебошад» (саҳ.102).

Дар маҷмуъ, боби дуюм бо таҳлили муфассал ва муназзами заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) фарқ намуда, аҳамияти он дар асоснок намудани зарурати такмили қонунгузории маданӣ ва таҳияи механизмҳои возеҳи танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин иттиҳодияҳо зоҳир мегардад.

**Дар боби сеюм «Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)»** шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), хусусиятҳои фарққунандаи онҳо ва мақоми ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ таҳлил гардидааст. Дар ин қисмат муаллиф масъалаҳои марбут ба ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин муносибатҳои дохилии корпоративӣ ва ҷавобгарии иштирокчиёнро ба таври ҳамаҷониба баррасӣ менамояд.

Дар зербоби аввал шаклҳои ассотсиатсияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳадафҳои асосии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ин ҳифзи манфиатҳои умумӣ, ҳамоҳангсозӣ, амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳои мақсаднок мебошанд. Ҳам шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ метавонанд иттиҳодия (иттифоқ, асотсиатсия) таъсис диҳанд ва ё дар ягон иттиҳоди аллакай мавҷудбуда иштирок кунанд (саҳ. 108).

Дар ин замина масъалаи қобилияти ҳуқуқӣ, имконияти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва масъулияти молумулкии иштирокчиён мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар

самти дақиқсозии мақоми ҳуқуқии чунин иттиҳодияҳо бо асоснокии илмӣ пешниҳод шудаанд (саҳ. 133).

Зербоби дуюм ба ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-и ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти ташкилоти ғайритиҷоратӣ пеш аз ҳама ба манфиати тамоми ҷамъият ё як қисми он нигаронида шудааст. Барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияташ баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои муфиди иҷтимоӣ нигаронида шудааст, низоми ҳуқуқӣ бояд имтиёзҳои бештари ҳавасмандкунандаи давлатро пешбинӣ намояд (саҳ.136).

Хусусиятҳои аъзогӣ, тартиби идоракунӣ, доираи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва масъалаҳои масъулияти молумулкии онҳо ба таври муфассал таҳлил шудаанд.

Дар боби мазкур инчунин масъалаи гуногунрангии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), номуайянии истилоҳҳо ва зарурати ягонакунии қонунгузорӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо мақсади бартараф намудани зиддиятҳо ва таъмини равшанӣ дар танзими ҳуқуқӣ, муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шаванд.

Дар маҷмуъ, боби сеюм хусусияти ҷамъбастӣ дошта, таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-ро фаро мегирад. Хулосаҳои бадастомада барои такмили низоми ҳуқуқии танзими фаъолияти чунин иттиҳодияҳо ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳамияти муҳим доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи мадании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Амирзода Фарнуш Амир ба ихтисоси илмии дархостшаванда 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Пешниҳод дар бораи илова кардани «шахсони воқеӣ» ба номи моддаи 129 КМ ҶТ («Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ») (саҳ 12). Агар шахсони воқеӣ ба ассотсиатсия дохил шаванд, мақоми онҳо чӣ гуна хоҳад буд? Оё онҳо низ барои уҳдадориҳои ассотсиатсия бо молумулки худ ҷавобгарии иловагӣ (субсидиарӣ) доранд? Бо ин мақсад, назари муаллифро дар ин масъала мехоҳем амиқан шунида бошем.

2. Муаллиф зарурати кабули қонуни махсусро дар бораи ассотсиатсия қайд мекунад (саҳ. 93), дар баробари ин таҳлили муқоисавии бо низомҳои ҳуқуқии давлатҳое, ки чунин қонунҳо дар онҳо самаранок амал мекунанд ва метавонанд ин пешниҳодро асосноктар гардонад таваҷҷуҳ кам зоҳир намудааст.

3. Гарчанде, ки дар диссертатсия масъалаҳои муайян кардани маҳалли ҷойгиршавии ассотсиатсияҳои фаромиллӣ зикр шудаанд, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф ба мақоми ҳуқуқӣ, ҳуқуқи татбиқшаванда ва юрисдиксияи онҳо дар заминаи ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ амиқтар таҳлил менамуд (саҳ 11).

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои илмӣ ба талаботи муқарраргардида мутобиқ мебошад.

Диссертатсия бо дараҷаи баланди мукаммалӣ, асоснокии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ фарқ намуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи рисола Амирзода Фарнуш Амир бо назардошти натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии пешниҳодшуда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

Тақризи муассисаи пешбар мутобиқи муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва

иқтисодӣ Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №9 аз 12–уми феврали соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Бобозода Ҷамрод Қурбон – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3., профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода кардашуда, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 11 нафар иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 11, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №8 аз 13–уми феврали соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Табаров Н.А.

**Ташхисгар:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

Имзои Табаров Н.А., Бобозода Ҷ.Қ., ва котиби ҷаласа Оралбаев Х.Х.-ро
тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Телефон: +992 (37) 231- 02-01.
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«14» 02 2026 сол